*Комсомоли Тоҷикистон,*
*4 июни 1967, саҳ. 3*

ТАНҚИД ВА КИТОБИЁТ

## Назаре ба роҳи тайшуда

Дар ин соли фархунда соли ҷашни камолоти давлати маҳбубамон ҳар як фарди мамлакат ба роҳи тайкардааш назаре меандозад, ҳиссаи ба ободии кишвар гузоштаи худро бо назари диққат месанҷад, аз комёбиву нобарориҳои бамиёномада хулоса бароварда, роҳи рахшони фардои саидро муайян менамояд.

Алалхусус, сафи сершумори санъаткорону адибон, ки бо тарбияти эстетикии мардум, шууру ҷаҳонбинӣ, олами маънавии онон сарукор доранд, дар ҳар ҷашни муборак ҳам ба худ, ҳам ба халқ, ҳам ба Ватан ҳисоботи эҷодӣ медиҳанд.

Бинобар ҳамин мулоҳизаҳо, ба фикри мо, шоири зарифтабъамон Боқӣ Раҳимзода девони ашъори худро «Роҳи тайшуда» номидааст.

Ин маҷмуа аз тамоми китобҳои пеш чопкардаи Боқӣ Раҳимзода аз қабили «Ба фронт», «Кӯҳистони дурахшон», «Ҳаёт ва сухан», «Мусича ва рӯбоҳ», «Чашмасор», «Баҳори умр», «Боли ҳунар» ва ғайра хеле мукаммал буда, бештар аз 200 асари манзумро дар бар мегирад.

Маҷмӯаи «Роҳи тайшуда», ки бо сарсухани мухтасари номзади илмҳои филологӣ Раҳим Ҳошим оғоз меёбад, аз намунаҳои беҳтарини ашъори дар солҳои гуногун гуфтаи шоир ва чанде тарҷимаи ӯ гирд оварда шудааст.

Боқӣ Раҳимзода дар шеърҳои ширадори худ Ленину партияи барпокардаи ӯ, бахти олишони бародарӣ, фазилатҳои сулҳу

амониро ситоиш карда моҷароҷӯёну ҷангхоҳон, сиёҳдилону муфтхӯрон ва монанди инҳоро фошу мазаммат менамояд.

Хонанда дар «Роҳи тайшуда» нахустин бо шеъри «Савганд» дучор меояд, ки он моҳияти асосии тамоми маҷмуа ва ғояи марказии китобро ифода мекунад. Масалан, шоир дар банди охирини шеъри мазкур ҷӯшиши дили пок ва ҳиссиёти самимии худро нисбат ба сарзамини Ватани муқаддас ин тариқа баён намудааст:

«*Эй кишвари зебои ман, эй тозабаҳорам,*
*Аз туст ҳама донишаму шуҳрату корам.*
*То ҷон бувадам, назди ту ин аст, шиорам:*
«*Дар ҳифзи ту ман ҷону тани хеш супорам*».

Китоби номбаршуда аз 6 қисм: «Шеърҳои солҳои гуногун», «Суруд ва таронаҳо», «Барои бачаҳо», «Ҳаҷв ва ҳазлҳои рафиқона», «Достон» ва «Тарҷимаҳо» иборат аст.

Боқӣ Раҳимзода аз ҷумлаи он шоиронест, ки дар қатори дигар навъҳои анъанавии адабиётамон, ба ғазал низ диққат медиҳанд. Дар мунтахаботи «Роҳи тайшуда» ҳамчун намунаи ин жанри машҳури адабӣ 30 ғазал дохил карда шудааст, ки онҳо ба мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ишқиву мутоибавӣ ва ғайра бахшида шудаанд.

Дар нимаи дуюми солҳои сиюм ба як ғазали машҳури Ҳабибулло Қоонӣ (асри XIX), ки ин байт аз он аст:

«*Дар ин баҳори нозанин, ки хок гашта анбарин,*
*Зи ман рабуда ақлу дин нигоре аз нигорҳо*»

Як қатор шоирони советии тоҷик, чунончи, Абдусалом Деҳотӣ («Баҳори орзу», соли 1935), Ҳабиб Юсуфӣ («Бунафшаҳо, бунафшаҳо», соли 1936), шеърҳои ҷавобӣ эҷод намуданд. Боқӣ Раҳимзода низ дар

ин ҷо қалами худро санҷидааст -- ӯ дар ҳамин вазну оҳанг шеъри «Баҳория»-ро офаридааст. Ҳусни дилкаши манзараҳои кишвар, зебоии табиат маҳз бо одам, меҳнати озоди мардуми озод - ҷавҳари «Баҳория»-ро ташкил додаанд. Дар ин шеър ибораву ифодаҳои ҷозибадори дар хотирмонанда, образҳои шоирона кам нестанд, чунончӣ:

*«Дарахту сабзаи даман зи гул намуда пираҳан,*
*Ба сад намуд дар чаман кашида қад зи ҳар канор.*
*Зи чашма оби нуқрагин зи рӯи кӯҳ бар камин,*
*Равад ба хизмати замин, чу ошиқе ба назди ёр...*
*Яке ба дасти оҳанин каланд мекунад замин,*
*Дигар ба қувваи машин дарида қалби кӯҳсор...».*

Тафовути шаклии «Баҳория»-и Боқӣ Раҳимзода аз шеъри Қоонӣ ва ҷавобияҳои А. Деҳотӣ, Ҳ. Юсуфӣ дар он аст, ки ӯ қофияро андаке тағйир дода, саҷъро на дар ҳамаи байтҳо мураттаб нигоҳ доштааст.

Ғазалҳои «Бақо гирифт», «Марҳабо», «Ин саҳар», «Баҳор омад», «Тамошо кун», «Ишқ»-ро аз ҷумлаи ғазалҳои беҳтарини «Роҳи тайшуда» ҳисобидан мумкин аст.

Боқӣ Раҳимзода асосан шоири таронасарост. Суруду таронаҳо дар эҷодиёти ӯ мавқеи махсусе ишғол менамоянд.

Чунин сурудҳои офаридаи Боқӣ Раҳимзода - ба мисли «Дорад ҳавас», «Норак, муборак!», «Гули садбарг», «Дилорой, Душанбе», «Дар лаби обе», «Шодии дил» писанди умум гардидаанд.

*«Баногоҳе шунидам як суруди дилкашу форам,*
*Ки меомад зи байни куҳсору водии хуррам.*
*Суханҳои суруди хешро бишнохтам дарҳол,*
*кабутарворашон сар дода будам бахри истиқбол...*

*Равонам бо ҳаёт, аммо сурудам пештар гардад.*
*Умедам ин ки бо ҳалкам ҳамеша ҳамсафар гардад».*

Боқӣ Раҳимзода шоири зарифтабъи ҳазлгӯест. Муҳаққиқ Раҳим Ҳошим дуруст менависад, ки «табиати шухидӯсти вай» (Б. Раҳимзода - Р. Қ) ба шеърҳояш юмори пурлатофати аҷибе мебахшанд... Ҳазли самимӣ, суханронии шӯх, возеҳияти тарзи гуфтор - яке аз ҷиҳатҳои хоси шеъри вай аст».

Табъи зарифи шоир, лутфи сухани бузургони гузашта ва малоҳати дурдонаҳои халқиро баҳам омехта шеърҳое офаридааст, ки ёри ҳар хотиру аниси ҳар дил мегардад. Чунончи, хонанда аз мутолиаи чунин байтҳо, бешак, мамнун мегардад:

«*Қомати ӯро нигар, бар авҷи гардун мерасад.*
*Ҳам шуда наззора бар кӯҳсор дорад Миршакар*».

Ё худ:

Очеш, *тамоми пахтаи саҳро аз они ту.*
*Ҳармоҳа музди кори ту танҳо аз они ман.*
*Дар хона интизор нишастан аз они ман,*
*Лек баъди кор пухтани шӯрбо аз они ту.*
*Он сояҳои ҳам салу ҳам қин аз они ман,*
*Кайфу сафои чидани «тилло» аз они ту..*».

Дуруст аст, ки на ҳамаи ашъори «Роҳи тайшуда» яксар хубу баланданд. Дар китоб баъзе шеърҳои умумӣ, камнамак, байту мисраъҳои ноустувор, ибораву ифодаҳои норавон низ аҳён-аҳён вомехӯранд. Аммо инҳо қимати умумии китобро муайян карда, баҳои шеърҳои нағзи онро паст зада наметавонанд.

Ин ҷо хотиррасон кардани як ҳодисаи ночиз ҷоиз аст. Солҳои охир ҳангома нашри китоб муаллифони асарҳо ва муҳаррирону

ноширон ба санаи асар диққати казоӣ намедиҳанд, ки ин ҳолат ба «Роҳи тайшуда» низ роҳ ёфтааст.

Ба маҷмуаи номбаршуда ба ғайр аз достони «Роҳи нури офтоб» (бо ҳамқаламии М. Турсунзода) ва тарҷимаҳо, зиёдтар аз 210 асари Боқӣ Раҳимзода гирд оварда шудааст, ки аз он ҳамагӣ 36 шеър санаи таълиф дораду халос.

«Роҳи тайшуда» аз ҷиҳатҳои ороиш, имлову саҳеҳият нисбатан хуб баромадааст, ки дар ин хизмати муҳаррир А. Қодирӣ, рассом Л. Арзуманов, мусаҳҳеҳон Ҷ.Тӯраев, М. Муҳаммадова ва И. Ҳамроев, бешубҳа, калон аст.

**Раҳим ҚУБОДИЕНӢ**